# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзуи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар замони муосир, ки иқтисодиёт ба сӯи рақамикунонии босуръат пеш меравад, системаи хизматрасонии маишӣ ҳамчун як бахши муҳими хизматрасонии иҷтимоӣ, ниёз ба ислоҳ ва такмил дорад. Маҳз дар ин раванд таҳқиқоти унвонҷӯ ба мавзӯи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» бахшида шудааст, ки аҳамияти амалӣ ва илмии он дар шароити имрӯзаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле баланд аст.

Унвонҷӯ дар кори худ зарурати рақамикунонии хизматрасонии маишӣ, мушкилот ва имкониятҳои рушди ин бахшро дар шароити бозори рақобатпазир мавриди таҳлил қарор дода, бо истифода аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ, муқоисавӣ ва моделсозӣ, ба хулоса ва пешниҳодҳои муҳиме ноил гардидааст.

Муаллиф дуруст зикр намудааст, ки рақамикунонии хизматрасонии маишӣ ба таври ҷиддӣ ба беҳтаршавии сифат, шаффофият, дастрасӣ ва коҳиши хароҷоти хизматрасонӣ мусоидат намуда, инчунин замина барои инноватсионӣ шудани муносибатҳои байни давлат, аҳолӣ ва соҳибкорон фароҳам месозад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо воридшавии технологияҳои рақамӣ (аппликатсияҳо, платформаҳои ғайри маҷозӣ, марказҳои хизматрасонии рақамӣ) фазои хизматрасонӣ тағйир ёфта, самаранокӣ ва рақобатпазирии он меафзояд.

Бо ин хотир, мавзӯи интихобшуда дар шароити имрӯза актуалӣ муҳим ва зарурӣ буда, коркардҳои дар автореферат овардашуда қобили дастгирӣ мебошанд. Чунин ҳолат ва коркардҳои муаллифӣ маънои онро доранд, ки таҳлилҳои анҷомгардида мукаммалии таҳқиқоти илмиро вобаста ба талаботҳои КОА пурра инъикос менамоянд. Илова ба ҳамаи муваффақиятҳои бадастовардашуда баъзе норасоиҳоро низ мушоҳида намудан мумкин аст. Аз

ин лиҳоз ба андешаи мо сифати таҳқиқот беҳтар мегардид агар муаллиф ба масъалаҳои зерин аҳамияти бештар медод:

1. Агар муаллиф тафсири назариявии механизми хизматрасонии маишӣ ба таври соддаву фаҳмо баён менамуд ва ба таври возеҳу равшан, зина ба зина ҷудо мекард сифати кор беҳтар мегардид.
2. Ба манфиати кор мешуд, агар аз тарафи муаллиф як қатор нархҳои хизматрасонии маишӣ муқоиса мегардид ва дар натиҷа як пешниҳоди мушаххас барои танзими давлатии нархи маҳсулот ва хизматрасонӣ пешниҳод менамуд.

Новобаста аз ин қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Исматуллоги Шерхон дар мавзуи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси болозикр сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ таҳлил ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур** **Шарифов З.Р.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146

Имзои З.Р. Шарифовро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур** **Қурбонзода А.Х.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Телефон/Fax: (992-372) 24 72-07
E-mail: rectortau31@mail.ru

«12» 09 соли 2025